GEFF Green Economy Financing Facility | European Bank for Reconstruction and Development

# Дастгирии молиявии технологияҳои сабз

**GEFF Тоҷикистон** ба бахши хусусӣ кӯмаки молиявӣ, техникӣ ва ҳавасмандкунии сармоягузорӣ бо мақсади рушди устувори кишвар пешниҳод менамояд. **GEFF Тоҷикистон** лоиҳаи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд мебошад, ки бо Иттиҳоди Аврупо, Фонди Иқлими Сабз ва Ҷумҳурии Корея ҳамкорӣ мекунад. Ин лоиҳа тавассути Шариконии Молиявӣ ҳамкорӣ карда, 25 миллион доллар барои сармоягузорӣ ба сарфаи энергия ва истифодаи самаранокии захираҳои дигар ҷудо карда шудааст, ки гузариши кишварро ба иқтисоди сабз дастгирӣ мекунад. **GEFF Тоҷикистон** ба соҳибкорон, деҳқонон ва хонаводаҳо дар кам кардани хароҷоти энергия ва дигар захираҳо инчунин барои баланд бардоштани рақобат тавассути истифодаи технологияҳо ва таҷрибаҳои баландсифат кӯмак мерасонад.

Гурӯҳи мутахассисони **GEFF** дар марҳилаҳои гуногуни таҳияи лоиҳа, баҳодиҳии сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳа хизматрасониҳои техникӣ пешниҳод менамояд. Ин барои муайян кардани роҳи ҳалли беҳтарин ва таъмин кардани асоснокии техникии лоиҳа барои маблағгузорӣ дар доираи лоиҳаи **GEFF** кӯмак мерасонад.

Афзалиятҳои **GEFF** барои бенефисиарҳои бахши хусусӣ:

- Коҳиш додани истифодаи энергия, об, дигар захираҳо ва хароҷоти ба он вобаста
- Маҳсулнокии беҳтар ва эътимоднокии таҷҳизот
- Баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ ва рақобатпазирӣ
- Беҳтар кардани шароити зисти хонаводаҳо ва боло шудани арзиши моликият

## Занҷираҳои арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ

Қарзгирандагон ин корхонаҳои хурд ва миёна* мебошанд, ки дар соҳаҳои кишоварзӣ ва агробизнес фаъолият мекунанд.

### Намунаҳои технологияҳои мувофиқ:

- Техникаҳои кишоварзӣ
- Қубурҳои обёрӣ ва насосҳо
- Гармхонаҳо
- Системаҳои обёрии қатрагӣ
- Таҷҳизотҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ
- Сардхонаҳо
- Боғҳои интенсивӣ/анъанавӣ дар нишебиҳо

Дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо, GEFF Тоҷикистон барои баланд бардоштани рақобатпазирии деҳқонон ва агробизнес дар Тоҷикистон грантҳои бебозгашт пешкаш менамояд. Грантҳои сармоягузорӣ ба андозаи 20% ё 30% аз маблағи қарз барои лоиҳаҳои бомуваффақият анҷомёфта ва тасдиқшуда дастрас мешаванд

## Соҳибкорӣ | Манзилӣ

Қарзгирандагон ин корхонаҳои хурд ва миёна* ва хонаводаҳо мебошанд.

### Намунаҳои технологияҳои мувофиқ:

- Ивази таҷҳизоти кӯҳна ба нав
- Техникаҳои маишии каммасраф
- Дегҳо барои обгармкуни бо биомасса
- Лампаҳои каммасрафи LED
- Маводҳои изолятсионӣ
- Панелҳо ва обгармукунакҳои офтобӣ
- Ҷамъоварӣ ва захираи оби борон

Насбкунон ва таъминкунандагони таҷҳизот ва маводҳои аълосифат инчунин барои гирифтани қарзи **GEFF** ҳуқуқ доранд. Ҳангоми кор бо **GEFF**, шумо аз афзоиши эътирофи бренд ва фурӯши он баҳра мебаред.

* Корхонаҳои хурд ва миёна мувофиқи меъёрҳои ИА: OJ L 124, аз 20 майи соли 2003, саҳ. 36 муайян карда мешаванд

**Барои истифода бурдан аз хизматҳои GEFF Тоҷикистон, лутфан бо мо тамос гиред:**

+992 93 433 90 01; tajikistan@ebrdgeff.com; www.ebrdgeff.com/tajikistan

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

ECTAP Enhanced Competitiveness of Tajik Agribusiness Project

Дар ҳамкорӣ бо:

Green Climate Fund